# Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

Адабиёти тоҷикии давраи Истиқлол, воқеан, як марҳилаи ҷадид дар таърихи адабиёти мо маҳсуб меёбад. Адабиёти ин давра на танҳо аз нигоҳи мазмуну муҳтаво, балки аз лиҳози сохтори адабӣ, анвои адабӣ, ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва навоварию суннатгароӣ вижагиҳои хос дорад, ки онҳо дар маҷмуъ, адабиёти давраи мавриди назарро ба ҳайси марҳилаи хоси инкишофи адабиёти тоҷик муаррифӣ менамоянд. Аз ин рӯ, адабиётшиносӣ ва накди адабии муосирро лозим аст, ки адабиёти давраи Истиқлолро ба таври фарогир ва бонизом мавриди омӯзиш ва нақду баррасии фарогир қарор диҳад. Танҳо дар сурати омӯзиши мукаммал мо метавонем адабиёти давраи мазкурро ҳамчун марҳилаи дигари инкишофи адабиёт шинохта бошем.

Хушбахтона, тайи чанд соли охир оид ба мавзуъҳо, проблемаҳо ва равандҳои асосии адабиёти давраи Истиқлол асару мақолаҳо, мубоҳисаҳои илмию танқидӣ ва рисолаҳои илмӣ таълиф ва нашр шуданд, ки онҳо барои ба вуҷуд овардани таърихи илмӣ ва воқеии адабиёти давраи мазкур заминаи лозимии пажуҳишро фароҳам месозанд. Аз ин нигоҳ, диссертатсияи Н. Ризоева, ки ба баррасии яке аз проблемаҳои муҳими равандҳои шеъри давраи Истиқлол ихтисос дорад, дар шинохти ҷанбаҳои адабию ҳунарии шеъри имрӯз иқдоми шоиста аст. Дар диссертатсияи масъалаи тасвирҳои парадоксӣ ба ҳайси яке аз вижагиҳои хоси адабию ҳунарӣ дар шеъри муосир мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва он бешубҳа, дар муайян сохтани равандҳои асосии шеъри тоҷикии давраи Истиқлол аз аҳамият холӣ нест. Аз тарафи дигар, таълифи рисолаҳое, мисли диссертатсияи мавриди назар барои муайян намудани вижагиҳои равандҳои назму насри давраи Истиқлол муҳим мебошанд.

Н. Ризобоева дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуи пажӯҳиши худ таъкид намуда, таваҷҷуҳи аҳли назарро ба як қатор вижагиҳои хоси шеъри давраи Истиқлол ҷалб созад. Вай бо дарназардошти идомаи суннатҳои адабии садаи XX таъкид медорад, ки дар давраи Истиқлол шоирони насли ҷавон кӯшишҳои бобарореро дар навсозии мазмун ва шакли шеъри имрӯз пиёда месозанд, ки яке аз ин

иқдомҳо дар ашъори онҳо нуфузи бештар касб кардани шеваи тасвирҳои парадоксӣ мебошад. Ҳарчанд ин шеваи тасвир дар ашъори шоирони гузашта ба назар мерасанд, аммо дар шеъри муосир хусусиятҳои ҷолибу тоза касб намуда истодааст. Аз шоирони маъруфи нимаи дуюми садаи XX сар карда, то намояндагони насли имрӯзаи шоирони тоҷик барои такмили ҷанбаҳои ҳунарии ашъори хеш аз ин шеваи нигориш фаровон ба кор мегиранд, ки он бешубҳа, ба такмили ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷикӣ таъсири мусбат мерасонад.

Ба хотири равшанӣ андохтан ба равандҳои адабию ҳунарии шеъри муосири тоҷикӣ Н. Ризобоева дар боби якуми диссертатсия вижагиҳои тамоюлҳои асосии шеъри даврони Истиқлолро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Диссертант ин масъалаи куллиро дар ду фасли алоҳида таҳқиқ намуда, аз ҷумла чаҳор хусусияти муҳими шеъри давраи мавриди назарро мушаххас месозад, ки онҳо зуҳури мавзуъҳои тоза, анвои шеърии нав, идомаи суннатҳои адабии гузашта ва ғайра мебошанд. Дар ин робита, диссертант дуруст таъкид менамояд: "Яке аз равандҳои муҳими адабиёти навини тоҷикӣ, ки мо ба унвони адабиёти даври Истиқлолият ном мебарем, идомаи суннатҳои хоси адабиёти классикии тоҷик мебошад. Бегумон тасвири парадоксӣ сарчашма дар ҳамон адабиёти классикии тоҷик дорад, ки раванди пайванди ин ду марҳилаи муҳими адабиро таъйин мекунад."

Ин қабил муҳокимарониҳо ва натиҷагириҳо собит месозанд, ки равандҳои имрӯзаи адабиёти тоҷикӣ як навъ идомаи суннатҳои хоси адабиёти классикӣ мебошад ва он бештар ба падидаҳои ҳунарӣ дар шеър такя менамояд. Ба ҳамин хотир, диссертант решаҳо ва заминаҳои тасовири парадоксиро дар адабиёти гузашта ҷустуҷӯ менамояд ва таъкид месозад, ки падидаҳои нави эҷодӣ дар адабиёти муосир ғолибан дар заминаи анъанаву суннатҳои ҳунарии адабиёти классикӣ ва таъсири адабиёти халқҳои дигар ба вуҷуд меоянд.

Н. Ризобоева дар заминаи баррасии хасоиси шаклию мазмунӣ ва тамоюлҳои асосии шеъри муосири тоҷикӣ шоирони давраи Истиқлолро мансуб ба се насл медонад. Насли аввал, шоироне ҳастанд, ки фаъолияти эҷодии онҳо ҳанӯз аз замони шуравӣ оғоз гардида буд. Ин ҷо манзури диссертант устодон М.Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир, Гулрухсор, Гулназар ва дигар ҳамсафони онҳост. Ба насли дуюм, шоирон Д. Наҷот, Н. Қосим, Фарзона, И. Хатлонӣ Озарахш, Р. Ваҳҳоб, Суруш, Озар ва дигарон шомиланд, ки бо тозакориҳое дар қолибҳои шеърӣ дар рушди

адабиёти давраи Истиқлол нақш гузоштанд. Насли сеюм бошад шоирони ҷавоне ҳастанд, ки асосан, дар давраи Истиқлол ба майдони адабиёт ворид гардиданд. Ин ҷо диссертант аз шоирони ҷавоне, мисли Баҳроми Раҳматзод, Фирдавси Аъзам, Бузургмеҳри Баҳодур, Толиби Луқмон, Бузургмеҳри Ҳаким ва ҳамсолони онҳо ёд мекунад. Таъкид мешавад, ки бо ибтикори ин се насли шоирон дар адабиёти тоҷикии давраи Истиқлол равандҳои тозае ҳам аз диди фикрӣ ва ҳам аз назари сабку ҳунари шоирӣ арзи ҳастӣ намуд.

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки Истиқлоли сиёсӣ барои ба вуҷуд омадани тамоюлҳои наву тоза дар назму наср мусоидат намуд. Шеъри замони мо, воқеан, тамоюлҳои тоза пайдо кард ва аз ҳама муҳим, ҳам назм ва ҳам наср аз маҳдудиятҳои фикрӣ, дастурҳои идеологӣ ва раҳнамоиҳои таҳлилӣ комилан раҳоӣ ёфт. Дар адабиёт мақоми ҳунар боло рафт, ки ин аз омилҳои муҳими инкишофи адабиёт дар давраи Истиқлол маҳсуб меёбад.

Дар фасли дуюми боби мазкур диссертант масъалаи инкишофи шеъри тасвирӣ ва нуфузи анвои тасвирро дар шеъри давраи Истиқлол мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Баъд аз тавзеҳи вожаи “тасвир” ҳамчун истилоҳи адабӣ диссертант назари муҳаққиқонро баррасӣ намуда, таъкид месозад, ки дар бараи тасвир ва нақшу ҷойгоҳи он дар таҳаввули шеър чи дар гузашта ва чи дар дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ дидгоҳҳои мухталифе ҷой дорад. Муҳим он аст, ки аксари донишмандон ҳангоми тавзеҳи мафҳуми тасвир ҷанбаи суратбахшии онро махсус таъкид намудаанд. Аз ин дидгоҳ шеъри тоҷикии давраи Истиқлолро баррасӣ намуда, Н. Ризобоева ба чунин хулоса меояд, ки он қобили мулоҳиза аст: “Дар шеъри муосири тоҷик тамоюли муҳимтарини ҳунарӣ, идомаи суннатҳои адабиёти классикӣ ба шумор меравад.

Суханварони муосири тоҷик сар карда, аз нимаҳои аввали солҳои шасти асри гузашта ба давом додани суннатҳои дерини адабиёт, хоса таҷрибаҳои ҳунарӣ дар навъҳои анъанавии шеър талош карданд. Аз ин рӯ, ҷойгоҳи тасвир дар шеъри муосири тоҷик аз ҳамин дидгоҳҳое сарчашма мегирад, ки тибқи онҳо ҳунари тасвирсозӣ дар шеъри классикӣ нуфузи бештар доштааст. Танҳо тозагии муҳит, фазо ва вақт имконият фароҳам овард, ки дар эҷоди тасвири шоирона тавассути хаёлоти рангини хеш шоирони муосири мо тозагиҳое эҷод намуданд. Воқеан, тасвирсозӣ яке аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии шеър аст, ки он арзиш ва аҳамияти адабии ашъори шоиронро муайян месозад.

Масъалаи сарчашмашиносӣ ва заминаи ташаккули тасвири парадоксӣ дар адабиётӣи тоҷик дар се фасли боби дуюми диссертатсияи Н. Ризобоева баррасӣ мегардад. Дар фасли аввали боби мазкур, муҳаққиқ моҳият, марҳилаҳо ва асосҳои ҳунарии зуҳури тасвири парадоксиро дар шеъри тоҷикӣ ба таҳқиқ мегирад. Диссертант таъкид менамояд, ки парадокс ё тасвири мутаноқизнамо мафҳумест ба унвони як навъи тасвир ё баёне бар асоси корбурдҳои мафҳумест, ки ба унвони як навъи тасвир ё баён бар асоси корбурдҳои мафоҳими ба ҳам зид муаррифӣ шудааст. Ҳарчанд дар шакли мазкур, гӯё истилоҳи нав ба шумор меравад, аммо заминаҳои таърихии онро метавон аз адабиёти даврони қадими тоҷикӣ ҷустуҷӯ намуд. Бо вуҷуди ин, бегумон таҳқиқи ин мавзуъ дар шеъри муосири тоҷик аз тозагиҳои муайяне бархурдор аст, ки ба он бештар руҷуъ бояд кард.

Дар фасли дуюми боби мазкур масъалаи мақому ҷойгоҳи тавсири парадоксӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX мавриди андеша қарор мегирад. Дар ин бахши диссертатсия муҳаққиқ собиқаи зуҳури ин падидаи ҳунариро дар шеъри муосири тоҷикӣ муфассал баррасӣ менамояд. Вай ранги дигар гирифтани тасвирҳои шоиронаро дар адабиёти тоҷикии садаи XX ба ҷустуҷӯҳои ҳунарии шоирони маъруфи тоҷик ва хоса, ба ҷустуҷӯҳо ва таҳаввулоти адабию ҳунарии солҳои 60-70 садаи гузашта алоқаманд менамояд, ки ин мантиқист. Воқеан, шоирони тавоное, мисли устодон М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир, Гулрухсор, Гулназар ва дигарон дар навсозии таркибҳои тасвир дар шеъри муосир нақши муҳим доранд. Диссертант дуруст таъкид менамояд: "Дар солҳои 60-80 –уми асри XX бо зуҳури чеҳраҳои нав ва дигаргуниҳои адабӣ равандҳои тозае дар шеъри тоҷикӣ ба вуҷуд омад. Ба майдони адабиёт қадам ниҳодани М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир, Гулрухсор ва шоирони дигари тозаназар ва андешапарвар омил бар он гардид, ки ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосир рӯ ба тақвият оварад, ки баробар бо дигар аркони шеър, бунёди тасвири парадоксӣ низ ҳамчун суннати адабиёти пешин рӯ ба такомул оварард." Ин нукта дар диссертатсия бо таҳлилҳои равшан ва муқоисаҳои ҷолиб аз ашъори шоирони номбурда собит мегардад.

Диссертант масъалаи аркон ва шеваҳои тасвири парадоксиро дар фасли сеюми боби дуюми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Вай таъкид мекунад, ки ҳар як падидаи ҳунарӣ дар шеъру адабиёт шаклу шева ва равиши хоси зуҳури худро дорад. Ба андешаи муҳаққиқ, шахсиятбахшии ашё ва тасвири мафоҳими отифиву маънавӣ пояҳои

муҳими парадоксофаринӣ дар шеъри муосиранд. Ин андеша бо баррасии ашъори Д. Наҷот, М. Аҷамӣ, Озар ва дигарон асоснок карда мешавад. Таъкид мегардад, ки шоирон барои такмили маърифат ва тасвири ҳолу аҳволи зиндагӣ, эҳсоси дарунии он аз санъати ташхис фаровон ба кор мегиранд ва ашёву ҳодисаҳоро ба сурати инсонҳо медароранд. Мусаллам аст, ки ҳар гуна тасвири шоирона дар заминаи воситаҳои тасвири бадеӣ сурат мегиранд. Тасвири парадоксӣ чунонки дар диссертатсия бо мисолҳои нишон дода мешавад, ба воситаи корбурди ташбеҳ, ташхис, муболиға, тазоду муқобала ҳам шакл мегирад, аммо шакл□ои муста□ими ифода □ам дорад.

Боби сеюми диссертатсияи Н. Ризобоева “Тасвири парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи Истиқлол)” унвон дошта, он аз ду фасли алоҳида иборат аст. Дар фасли аввали ин боб, диссертант масъалаи нақши парадоксро дар маънисозӣ ва сабксозӣ дар шеъри давраи мавриди назар баррасӣ намудааст. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки ин шеваи тасвир дар ашъори шоирони муосир омили муҳими назокат ва ҷаззобияти каломи шоирона гардидааст. Ин нукта дар диссертатсияи Н. Ризобоева дар заминаи таҳлили намунаҳо аз ашъори А. Ҳаким, Н. Қосим, К. Насрулло, Суруш, Н. Нурзод, Т. Луқмон ва дигарон шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Таъкид мешавад, ки шоирони имрӯзаи тоҷик барои тақвияти ҷанбаҳои ҳунарии ашъори худ суннатҳои хоси тасвири парадоксиро идома медиҳанд. Ин адибон дар қолиби анвои шеъри суннатӣ ва шеъри нав таҷрибаҳои нодире дар офариниши тасвири парадоксӣ ба сомон расониданд, ки онҳо дар маҷмуъ, заминае барои таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарӣ дар ашъори эшон гардидааст. Ҷойи таъкид аст, ки нуфузи тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори шоирони муосир баёнгари он аст, ки дар шеъри давраи Истиқлол дар баробари идомаи муҳимтарин суннатҳои ҳунарӣ, равишҳо ва шеваҳои тозаи тасвир ва баён нуфуз пайдо мекунад. Ин нукта дар диссертатсия бо таҳлилҳои муфассал ва натиҷагириҳои қобили эътимод ба субут мерасад.

Чизи дигари ҷолиб дар диссертатсияи Н. Ризобоева  он аст, ки ӯ мақом ва ҷойгоҳи тасвири парадоксиро дар ашъори бонувони суханвари тоҷик дар фасли алоҳида ба таҳқиқ мегирад. Вай таъкид медорад, ки нақши бонувони суханварро дар таҳаввул ва ташаккули равандҳои ҳунарии шеъри имрӯз махсус бояд зикр кард. Воқеан, барои рушди шеъри даврони Истиқлол саҳми Гулрухсор, Фарзона, Шаҳрия, Зулфия, Гулноз ва дигарон хеле калон аст. Диссертант зимни баррасии тасвирҳои

парадоксӣ дар ашъори шоирони номбурда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бархе аз вижагиҳои адабию ҳунарии шеъри занонаро дар адабиёти тоҷикии давраи Истиқлол мушахас кардааст.

Диссертант таъкид менамояд, ки бонувони тавонои суханваре, мисли Гулрухсор, Фарзона, Зулфия, Шаҳрия, Гулноз ва дигарон бо ашъори рангини худ дар ҷараёни шеъри имрӯз таъсири амиқ доранд ва бидуни дар назар гирифтани фазилатҳои адабию ҳунарии ашъори онҳо наметавон хасоиси равандҳои шеъри тоҷикии замони Истиқлолро мушаххас сохт. Дар ин давра, воқеан, раванди хоси шеъри бонувони шоир бо тарҳ ва шаклу сурати муайян таҳаввул пазируфт, ки он аз марҳилаҳои қаблии инкишофи адабиёти комилан тафовут дорад.

Бояд таъкид кард, ки дар диссертатсияи Н. Ризобоева масъалаи зуҳур ва инкишофи тасвири парадоксӣ ҳамчун падидаи адабию ҳунарии шеъри давраи Истиқлол ба таври муфассал ва бо таҳлили намунаҳои зиёде аз ашъори шоирони маъруфи имрӯзаи тоҷик таҳқиқ шудааст. Баррасиҳои мушаххас ва хулосаю натиҷагириҳои қобили эътимод аз фазилатҳои муҳими таҳқиқоти мавриди баҳс мебошад. Диссертант пажӯҳиши худро дар заминаи маводи фаровони адабӣ ва илмию назарӣ ба анҷом расонидааст. Ҷойи таъкид аст, ки дар диссертатсияи мазкур дар баробари муҳассаноти дар боло зикргардида баъзе камбудиҳою норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикрашон ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳимияти мавзуъ хеле мухтасар таъкид мешавад, ки он моҳияти масъалаи мавриди назарро ба пуррагӣ равшан намесозад.
2. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ диссертант бояд андешаи муҳаққиқонро дар мавриди тасвири парадоксӣ гуруҳбандӣ намуда, тафовут ва ихтилофи назарҳоро нишон медод.
3. Дар диссертатсия ба нақшу ҷойгоҳи тасвири парадоксӣ дар шеъри классикӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст. Ҳол он ки ҳар гуна навоварӣ дар шеър дар ҳамбастагӣ ва иртиботи мустақим бо суннатҳои адабӣ сурат мегирад.
4. Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия бештар характери тафсирию тавзеҳӣ касб намудааст. Ин ҷо шарҳу тавзеҳ аз таҳқиқу натиҷагирии илмӣ бештараст.
5. Дар мавриди баррасии зуҳури падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии садаи XX ашъори шоирони маъруф А. Шукӯҳӣ, Қ. Киром, Ғ. Мирзо,

Ф. Ансорӣ, Л. Шералӣ, Ҳ. Файзулло ва дигаронро набояд сарфи назар кард.

6. Дар автореферати диссертатсия муҳтавои фасли аввали боби сеюм хеле мухтасар дарҷ гардидааст, ки он ба таври зарури моҳияти илмию пажӯҳишии масоили мавриди назарро равшан намесозад.

Камбудиҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намесозанд. Диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» таҳқиқоти ба анҷомрасида ва дар сатҳи баланди илмию пажӯҳишӣ таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

**Доктори илми филология,**
**профессор, мудири кафедраи назария ва**
**таърихи адабиёти факултети филологияи**
**тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Солеҳов Ш. А.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

**Имзои Ш.А. Салеҳовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj

2 .11. 2022.